**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-068**
**назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

**аз 01.07.2023** **ш. Душанбе**

Баромади Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар – Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев – **Офаридаев Назрӣ** ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илми филология Гадоев Нурхон, Раҳматуллозода Сахидод, Мухторов Зайниддин, Раҳмонова Наргис ва номзади илми филология, дотсент Мирбобоев Азизхонро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Имамбердиева Саломат Менгликуловна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводҳои илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Имамбердиева Саломат Менгликуловна дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Имамбердиева Саломат Менгликуловна дипломи дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикиро диҳад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илми филология, профессор** **Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илми филология, дотсент** **Каримова Дилафруз Насибовна**

**01.07.2023**